«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ
профессор ______ Н.Ғаффорӣ
«12» май 2019

# ХУЛОСАИ

Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Диссертатсия дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавию семантикии усули «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ » дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расонида шудааст.

Бобокалонова Раъно Норбоевна дар рафти омода намудани диссертатсия унвонҷӯи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буд. Ӯ соли 1995 Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраевро бо тахассуси «забон ва адабиёти тоҷик» хатм кардааст .

Соли 2019 шаҳодатномаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадӣ ба ӯ дода шуд.

Роҳбари илмӣ – Мирбобоев Азиз, номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи «Назария ва амалияи забоншиноси»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин бароварда шуд:

Диссертатсия номзадии унвонҷӯ Бобокалонова Раъно Норбоевна ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии тоҷик – пажӯҳиш ва бозсозии манзараи таърихии инкишофи забон ва услуби осори илмии тоҷикӣ дар таълифоти илмӣ- ҷуғрофиёии ин давра- рисолаи «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ бахшида шуда, дар хусусиятҳои луғавию семантикии асар ва нақши он дар шаклгирии услуби асар мавриди таҳқиқ ва баррасии густарда қарор

гирифтааст. Қобили зикр аст, ки барои ба таври комил ва дақиқу амиқ нишон додани раванди таърихии таҳаввули забони адабии тоҷикию форсӣ ва бахусус сабки осори илмии он зарур аст, ки тамоми асарҳои мансуб ба ҳар давраи он ба сурати комил омӯхтаю таҳқиқ гардад.Гарчанд доир ба бисёре аз китобҳо ва навиштаҳои асарҳои пешин таҳқиқоти муҳимме ба анҷом расида бошад ҳам, аммо осори давроне, ки фарогири охири асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад, ба таври умумӣ дар забоншиносии тоҷик ҳанӯз камтаҳқиқ боқӣ мемонад. Бояд зикр намуд, ки маҳз ҳамин даврон як марҳилаи заминасоз дар ташаккули забони адабии муосири тоҷик маҳсуб мешавад ва «Таърихи ҳумоюн»- и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ яке аз муҳимтарин кутуби илмии ин даврон мебошад, ки барои баҳо додан ба манзараи рушди забони илми тоҷик дар он замон маводи фаровони илмӣ медиҳад. Аз ин рӯ пажӯҳиши забон ва услуби «Таърихи ҳумоюн», ҳамчун асари илмӣ-ҷуғрофиёии тоҷик, яке аз проблемаҳои муҳими забоншиносии тоҷик ба шумор меравад, аммо то кунун ба сурати куллӣ ин мавзӯъ ба таври алоҳида ва системавӣ мавриди баррасии амиқу ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Дар ин росто мебоис нақши муҳит ва шароити таърихии таълиф ва китобати асар дар забон ва услуби он, хусусиятҳои маъноию услубии воҳидҳои луғавӣ, имконоти услубии воҳидҳои сарфии забон, вежагиҳои корбурди вожагон дар ташаккули услуби воҳидҳои наҳвӣ дар ин асар ҳадафи таҳқиқи махсус қарор дода шаванд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин нуктаҳо, ба сифати мавзӯи рисолаи номзадӣ интихоб гардидани масоили забон ва услуби «Таърихи ҳумоюн»- и Муҳаммадсодиқи Гулшанро воқеан хеле мубрам ба назар мерасад. Диссертатсия дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ таълиф гардида, дар он дар асоси маводи фаровони забонӣ масъалаҳои мансуб ба мавзӯи таҳқиқ ба таври мушаххас, далелнок ва мантиқӣ баён гардидаанд.

**Навоварии рисолаи номзадӣ** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик ҷанбаи луғавию маъноии услуби рисолаи «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ ба сурати монографӣ амиқу ҳамаҷониба мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифта, **мақоми воҳидҳои**

луғавӣ ва корбурди имконоти лексикологии забони ин асар дар шаклгирии услуби илмии он ба таври мушаххасу густарда тадқиқ мегардад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** пажӯҳиш ва баррасии хусусиятҳои луғавию семантикии сабки «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ, муайян намудани шароит ва муҳити таърихии таълиф ва китобати асар ва таъсири он дар шаклгирии хусусиятҳои забон ва услуби он мебошад.

**Қимати назариявии диссертатсия** аз он иборат аст, ки дастовардҳои назариявии онро дар оянда зимни баргузории таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои таърихи ташаккул ва таҳаввули забони адабии тоҷик, ба хусус забон ва услуби осори илмӣ-ҷуғрофиёии он метавон истифода кард.

**Аҳамияти амалии натиҷаи пажӯҳиш** дар он зуҳур меёбад, ки натиҷаҳои илмӣ ва маводу маводи матолиби онро ҳангоми таълифи китобҳои дарсии фанҳои лексикология ва услубшиносии забони тоҷикӣ, тартиб додани васоити таълимӣ доир ба таърихи забони адабии тоҷикӣ, зимни баргузории курсҳо ва семинарҳои тахассусӣ ва машғулиятҳои амалӣ доир таърихи забони адабии тоҷик дар асрҳои XIX ва XX дар муассисаҳои таҳсилоти олию миёнаи махсус ва ҳамчунин ҳангоми таҳияи луғатҳои тафсирию тарҷумавии соҳаи ҷуғрофия истифода бурдан мумкин аст.

Доир ба мавзӯи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Матолиби умдаи диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳои назариявӣ ва мизҳои гирде, ки дар донишгоҳҳо ва дигар марказҳои илмии Тоҷикистон баргузор шудаанд, ироа гардидаанд.

Диссертатсияи Бобокалонова Раъно Норбоевна зери унвони «Хусусиятҳои луғавию семантикии усули «Таърихи ҳумоюн»-и Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи тахассуси 10.02.01-забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар асоси қарори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 2 майи соли 2019, суратҷаласаи №8 бароварда шудааст.

Дар маҷлис ҳузур доштанд 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ «ҷонибдор» 16 нафар, «муқобил»- нест, «бетараф»- нест, суратҷаласаи №8 аз 2 майи соли 2019.

Раиси ҷаласа:

Қосимов Олимҷон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
olimjonk@yandex.ru

Мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Мирбобоев Азизхон

Нишонӣ: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
992(37) 224-13-83
E-mail: tgpu2004@mail.ru
сайт:www.tgpu.tj

Имзоҳои Қосимов Олимҷон ва Мирбобоев Азизхонро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Назаров Давлатхон

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС